# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзӯи: *«Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим»,* ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия)**

**1. Мубрамии мавзуи тадқиқот.**

Дар шароити муосир масъалаи истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои об барои ҳар як давлат яке аз омилҳои калидии расидан ба ҳадафҳои рушди устувор ба шумор меравад. Тағйирёбии иқлим, ки боиси коҳишёбӣ ва тағйирёбии реҷаи гидрологии манбаъҳои обӣ мегардад, зарурати андешидани тадбирҳои саривақтӣ ва асоснокро дар тамоми бахшҳои иқтисоди миллӣ ба миён меорад.

Мавзуи интихобнамудаи докторанти (PhD) Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич бо дарназардошти аҳамияти стратегӣ доштани захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон, дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар рушди иқтисоди миллӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва таъмини амнияти обии минтақа саҳми назаррас гузоранд.

Аз ҷумлаи ҷанбаҳои муҳими диссертатсияи докторанти (PhD) Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич он аст, ки таҳқиқот ба забони давлатӣ таълиф гардида, метавонад ҳамчун манбаи муфиди таълимӣ барои омода намудани мутахассисони ҷавон дар соҳаи гидрология хизмат намояд.

Бо дарназардошти аҳамияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва стратегии захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон, зарурати гузаронидани таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба арзёбии равандҳои ташаккул, тағйирёбӣ, идоракунӣ, истифода ва ҳифзи онҳо дар шароити таъсири тағйирёбии иқлим ва сарбории афзояндаи экологӣ комилан асоснок мебошад.

**2. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Муҳтавои диссертатсияи докторанти (PhD) Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич ба талабот ва самтҳои асосии шиносномаи ихтисоси 6D061000 – Гидрология (6D061001 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) пурра мутобиқат менамояд. Махсусан, таҳқиқоти анҷомёфта ба нуктаҳои зерин ҷавобгӯ мебошад:

Банди 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии гидрология, гидрография, қонуниятҳои ташаккул ва тағйирёбии ҷараёни дарёҳо, равандҳои маҷроӣ ва соҳилӣ, инчунин масъалаҳои гидрохимия ва гидроэкология.

Банди 4. Хусусиятҳои равандҳои гидрологӣ ва гидрохимиявӣ дар кӯлҳо ва обанборҳо, падидаҳои динамикӣ дар ҳавзҳои обӣ, генезис ва

тағйирёбии ҳолати массаҳои об, масъалаҳои моделсозӣ ва оптимизатсияи речаи обанборҳои хушкӣ.

Банди 6. Қонуниятҳои зуҳуроти асрӣ, бисёрсола ва мавсимии равандҳои маҷрои дарё дар шароити гуногуни табиӣ, масъалаҳои арзёбӣ, ҳисоб ва пешгӯии деформатсияҳои амудӣ ва уфуқии соҳилҳо, инчунин хусусиятҳои географии речаи соҳилҳо бо дарназардошти таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ ва паҳлуҳои экологии соҳилшиносӣ.

Банди 12. Коркард ва татбиқи усулҳои моделсозии математикии равандҳои гидрологӣ ва гидрохимиявӣ.

Бо дарназардошти ин, метавон хулоса намуд, ки самти таҳқиқот, мазмун ва натиҷаҳои илмии бадастомада ба доираи масъалаҳои ихтисоси мазкур мутобиқати пурра доранд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии диссертатсияи докторанти (PhD) Муҳибуллоев Н.М. аз шаш нуқтаи асосӣ ифода ёфта, мазмуну муҳтавои таҳқиқотро ба таври пурра инъикос менамояд ва саҳми муаллифро дар рушди илмии соҳа равшан месозад.

Дар доираи таҳқиқот натиҷаҳои таҳлили бисёрсола ва арзёбии қонуниятҳои даврияти гидрологии захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ба даст оварда шудаанд. Алоқамандии даврияти гидрологии маҷрои дарё бо нишондиҳандаҳои асосии иқлимии ҳавза муайян ва асоснок карда шудааст, ки барои фаҳмиши амиқтари таъсири омилҳои иқлимӣ ба ташаккули маҷро аҳамияти назаррас дорад.

Докторанти (PhD) Муҳибуллоев Н.М. речаи гидрологӣ ва унсурҳои асосии тарози оби ҳавзаро бо дарназардошти таъсири тағйирёбии иқлим дар ретроспективаи 50 соли охир таҳлил ва муайян намудааст. Ҳамзамон, амсилаи математикии вобастагии нишондиҳандаҳои метеорологӣ ва равандҳои ташаккули маҷрои дарёи Кофарниҳон коркард гардидааст, ки арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ дорад.

Илова бар ин, дурнамои обнокии ҳавза бо истифода аз усулҳо ва технологияҳои муосир таҳия шуда, дар асоси натиҷаҳои бадастомада тавсияҳои мушаххас оид ба идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон пешниҳод гардидаанд. Ин тавсияҳо бо дарназардошти татбиқи принсипҳои асосии рушди устувор таҳия шуда, метавонанд дар амалияи идоракунии захираҳои об истифода шаванд.

Ҳамин тариқ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда дорои навгонии назаррас буда, дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд, аз ҷумла:

- натиҷаҳои таҳлили бисёрсола ва арзёбии хусусиятҳои даврияти гидрологии захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон вобаста аз шароитҳои иқлимӣ;
- амсилаи математикии нишондиҳандаҳои метеорологӣ ва ташаккулёбии маҷрои ҳавзаи дарёи Кофарниҳон;

- амсилаи консептуалии идоракунии захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёта.**

Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои пешниҳодгардида бо истифодаи маҷмуи васеи маълумоти ибтидоии гидрометеорологии оморӣ таъмин гардидааст. Дар таҳқиқот иттилооти расмии сохторҳои ваколатдор, аз ҷумла маълумоти Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди истифода ва таҳлили амиқ қарор гирифтааст.

Ҳамзамон, дар кор усулҳои амсиласозии математикӣ, ҳалли ададии масъалаҳо ва технологияҳои НИГ татбиқ гардидаанд, ки ба баланд бардоштани саҳеҳият ва боэътимодии натиҷаҳо мусоидат менамоянд. Натиҷаҳои бадастомада бо маълумоти мушоҳидаҳои саҳроӣ ва таҳқиқоти анҷомдодаи муассисаҳо ва олимони соҳавӣ муқоиса ва санҷида шудаанд.

Истифодаи усулҳои муосири таҳқиқот ва таҳлили маҷмуии додаҳо имконият додааст, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз лиҳози илмӣ асоснок ва эътимоднок арзёбӣ гарданд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Кори диссертатсионӣ аз пешгуфтор, 4 боб, натиҷаҳои асосӣ, 3 замима ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (иборат аз 124 номгӯй) иборат мебошад.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамияти мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, усулҳои истифодашуда, инчунин аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалии масъалаи мавриди омӯзиш ба таври муфассал ва асоснок баён гардидаанд.

Ҳамзамон, дараҷаи таҳқиқи масъала дар адабиёти илмӣ таҳлил шуда, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмии марбута нишон дода шудааст. Объекти таҳқиқот ва доираи масъалаҳои мавриди баррасӣ асоснок гардида, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мушаххас муайян шудаанд.

Инчунин, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ, мутобиқати диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳо, интишороти илмӣ аз рӯйи мавзуъ, инчунин ҳаҷм ва сохтори диссертатсия мавриди баррасии муфассал қарор гирифтаанд.

**Дар боби якуми** диссертатсияи докторанти (PhD) Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич, хусусиятҳои реҷаи гидрологии ҳавзаи дарёи Кофарниҳон хусусиятҳои реҷаи гидрологии ҳавзаи дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили муфассал қарор гирифта, дар асоси омӯзиши маводи оморӣ ва таҳлилҳои илмӣ як қатор хулосаҳои муҳим ба даст оварда шудаанд:

- натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки тағйирёбии маҷрои дарёи Кофарниҳон, бахусус коҳишёбии сарфи максималӣ ва афзоиши сарфи минималӣ, дорои тамоюли мусбат мебошад. Ин раванд аз беҳтар гардидани вазъи хоҷагии об дар минтақаи паҳншавии маҷрои дарё шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, масъалаҳои обтаъминкунии аҳолӣ, таъмини объектҳои саноатӣ ва обёрии заминҳои кишоварзӣ рӯ ба рушд доранд;

- муайян шудааст, ки таъсири тағйирёбии иқлим ба ҳавзаи дарёи Кофарниҳон дар ҳамбастагӣ бо омилҳои антропогенӣ зоҳир мегардад. Аз ҷумла, шаҳркунонӣ, ба гардиши хоҷагидорӣ ворид намудани заминҳо, сохтмони иншооти гидротехникӣ ва дигар дахолатҳои инсонӣ таъсири иқлимиро тақвият мебахшанд. Таҳлили вазъи кунунӣ зарурати татбиқи тадбирҳои маҷмуӣ ҷиҳати такмили идоракунии захираҳои об ва истифодаи самараноки заминҳоро барои мутобиқшавӣ ба таҳдидҳои иқлимӣ таъкид менамояд;

- муқаррар гардидааст, ки таҳлили оддии омории тамоюлҳои тағйирёбии маҷро дар давраҳои интихобшуда, бе ба инобат гирифтани даврияти гидрологӣ, наметавонад самти воқеии бисёрсолаи маҷрои дарёро пурра инъикос намояд. Дар шароити таъсири гармшавии глобалӣ ва дигар омилҳо, истифодаи оқилонаи захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон бе арзёбии қонуниятҳои даврият метавонад ба натиҷаҳои нодуруст ва қарорҳои ғайриасоснок оварда расонад;

- муайян шудааст, ки таъсири шадидтари тағйирёбии иқлим дар минтақаҳое мушоҳида мегардад, ки дар онҳо дахолати фаъоли инсон ба экосистемаи обӣ зиёд аст. Дар доираи таҳқиқот нишондиҳандаҳои асосии гидрологии дарё, аз ҷумла сарфи миёнасолонаи об (Qср), коэффитсиентҳои вариатсия (Cv), асимметрия (Cs), инчунин сарфи об бо таъминнокии гуногун (P, %) муайян ва таҳлил карда шудаанд.

Докторанти (PhD) Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич **дар боби дуюми** диссертатсияи худ қонуниятҳо ва хусусиятҳои даврияти гидрологӣ дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон дар асоси таҳлилҳои оморӣ ва усулҳои муосири илмӣ муайян ва асоснок кардааст. Натиҷаҳои асосии бадастомада чунин ҷамъбаст мегарданд:

- таҳлили омории қонуниятҳои боришоти атмосферӣ дар давоми 50 соли охир нишон медиҳад, ки дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон тағйирёбии миқдори боришот назаррас мебошад. Тамоюли хаттии тағйирёбӣ бо баробарии регрессионии R = -0,0602x + 716,69 тавсиф мегардад, ки дар он x солҳои аз оғози давраи таҳқиқот гузаштаро ифода менамояд.

- бар асоси маълумоти пойгоҳи мушоҳидавии «Душанбе» тағйирёбии боришоти атмосферӣ бо эҳтимолияти тақрибан 90% ба 40,0±4,429 мм баробар буда, динамикаи миёнасолонаи ҷамъи боришот барои давраҳои таҳқиқшуда тамоюли афзоянда дошта, афзоиши он беш аз 150 мм-ро ташкил медиҳад;

- муайян гардидааст, ки дар маҷмӯъ динамикаи миёнасолонаи ҷамъи боришот дар давраҳои таҳқиқшуда тамоюли афзуншавӣ дорад, ки метавонад ба хусусиятҳои ташаккули маҷро таъсир расонад;

- дар шароити афзоиши талабот ба об ва коҳишёбии захираҳои об, ки асоси рушди устувори соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатиро ташкил медиҳанд, инчунин бо дарназардошти таъсири тағйирёбии глобалии иқлим, зарурати мониторинги мунтазами параметрҳои ҷараёни минималӣ на танҳо дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон, балки дар дигар ҳавзаҳои дарёҳо низ ба миён меояд;

- муқаррар шудааст, ки маълумоти мушоҳидавии мавҷуда барои тавсифи боэътимоди давраҳои экстремалӣ (шадид) нокифоя мебошад. Аз ин рӯ, таҷдиди қатораи маълумотҳо бо мақсади ташкили силсилаи дарозмуддати мушоҳидавӣ ҳамчун тадбири муҳим пешниҳод мегардад;

- тавсифҳои омории нишондиҳандаҳои миёнабисёрсолаи сарфи минималии солона ва моҳона, аз ҷумла барои давраҳои тирамоҳу тобистон ва камобии зимистон, ки барои солҳои 1960–2012 муайян шудаанд, метавонанд дар лоиҳакашии иншооти хоҷагии об ва таҳияи чорабиниҳои ҳифзи захираҳои об мавриди истифода қарор гиранд.

**Дар боби сеюми** диссертатсияи докторанти (PhD)-и Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич амсилаи математикии даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон таҳия ва асоснок карда шудааст. Натиҷаҳои асосии бадастомада чунин ҷамъбаст мегарданд:

- таҳлил нишон медиҳад, ки дар доираи ду давраи 26-солаи муқоисашаванда қимматҳои боришот ба ҳам наздик мебошанд. Ҳамзамон таъкид мегардад, ки боришот ва дигар равандҳои иқлим дорои хусусияти тасодуфӣ мебошанд, ки ин боиси фарқияти муайяни графики майдони коррелятсия аз графикҳои дар натиҷаи санҷишҳои ҳисоббарорӣ ҳосилшуда мегардад;

- таҷрибаи бисёрсолаи пешгӯии гидрологӣ нишон медиҳад, ки истифодаи ҳамзамони усулҳои мушоҳидаҳои заминӣ ва маълумоти параметрҳои метеорологии аз мушоҳидаҳои сунъӣ (дурдаст) бадастомада аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад;

- дароз намудани муҳлати пешгӯӣ барои мавсими кишт (180–210 рӯз) ба мақомоти ҳолатҳои фавқулодда, сохторҳои хоҷагии об ва корхонаҳои гидроэнергетикӣ имконият фароҳам меорад, ки тадбирҳои пешгирикунандаро сари вақт амалӣ намуда, хавфи паст ё баланд шудани сатҳи обро коҳиш диҳанд ва истифодаи захираҳои обро ба таври самаранок ба нақша гиранд;

- муайян гардидааст, ки истифодаи маълумоти тасвирии MODIS дар пешгӯии ҷараёни дарёҳо барои мавсими кишт самаранок мебошад. Тасвирҳои MODIS имкони ба даст овардани маълумоти дақиқро оид ба захираҳои барф дар минтақаҳои баландкӯҳ ва дастнорас фароҳам месозанд, ки барои таҳияи пешгӯиҳои боэътимоди гидрологӣ аҳамияти муҳим доранд.

**Дар боби чоруми** диссертатсияи докторанти (PhD)-и Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич, таҳияи тавсияҳо оид ба идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон таҳия шудаанд, аз ҷумла:

- принсипҳои идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об (ИҲЗО) бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва принсипҳои ИҲЗО барои ҳавза мутобиқ карда шудаанд;

- муҳимтарин масъалаҳои мавҷуда дар ҳавза инҳоянд: норасоии захираҳои об, фарсудашавии инфрасохтори гидромелиоративӣ ва набудани обанборҳо барои танзими ҷараён; низоми мониторинг ва назорати сифати обҳои рӯизаминӣ ба таври кофӣ инкишоф наёфтааст; таҳдидҳо ба ҳолати экологӣ ва сифати объектҳои обӣ; набудани стратегия ва барномаҳои рушди ҳавза ва маблағгузории бахши об.

Дар асоси таҳлил ва арзёбии ҳолати мавҷуда, амсилаи консептуалии идоракунии захираҳои об барои ҳавза коркард шудааст ва метавонад ҳамчун замина барои идоракунии ҳамгироёна ва рушди устувори захираҳои об истифода шавад.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти дар кори диссертатсионии докторанти (PhD)-и Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич пешниҳодшуда аҳамияти назариявӣ ва илмии худро комилан тасдиқ намуда, саҳми назаррас дар рушду такмили донишҳои гидрологии ҳавзаҳои кӯҳсор ва омилҳои тағйирёбии иқлим дорад. Ин натиҷаҳо имконият медиҳанд, ки равандҳои гидрологӣ ва даврияти маҷрои дарёҳо бо диққати илмӣ таҳлил ва моделсозӣ карда шаванд, ки барои пешгӯӣ ва идоракунии захираҳои оби минтақа аҳамияти калидӣ доранд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои диссертатсияи докторанти (PhD)-и аҳамияти амалӣ низ доранд: онҳо барои идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об, лоиҳакашии иншооти обӣ, таҳияи стратегияҳои устувори истифодаи захираҳои об ва пешгирӣ аз офатҳои табиӣ мусоидат менамоянд. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, таҳқиқот метавонад дар таъмини оби ошомиданӣ ва обёрии заминҳо, рушди саноат ва энергетика, инчунин ҳифзи муҳити зист ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши муассир бозад.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки дастовардҳои назариявии кори диссертатсионӣ барои таҳлилу арзёбии хусусиятҳои даврияти гидрологӣ дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон вобаста ба шароитҳои иқлимӣ истифода шудаанд ва метавонанд дар банақшагирии самараноки истифодаи захираҳои об татбиқ гарданд. Роҳҳои методологӣ ва таҳияи амсилаҳои математикӣ имкон медиҳанд, ки раванди даврияти гидрологӣ бо назардошти омилҳои гуногун ва тағйирёбии иқлим барои пешгӯии дараҷаи обнокии ҳавзаи дарё истифода шавад.

**7. Нашри натиҷаҳои тадқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Муаллифи кори диссертатсионии докторанти (PhD)-и Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич натиҷаҳои илмии кори худро аз соли 2020 оғоз намуда то ба имрӯз дар ҳамоишҳо ва конференсияҳои илмии сатҳи гуногун муаррифӣ кардааст.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқот дар: - Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии (КҶИА) “Комплекси хоҷагии об: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо” (ш.Душанбе, с. 2022); - Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (КБИА) “Бехатарии обӣ – асоси рушди устувор” (ш.Душанбе, с. 2022); - КБИА «Конференсияи XIII – уми хониши Ломоносовӣ (ш.Душанбе, с. 2023); - 7-умин КҶИА “Илм-асоси рушди инноватсионӣ” (ш.Душанбе, с. 2023); - КБИА бахшида ба 30 солагии ФБНА (ш.Душанбе, с. 2023); - КБИА «Рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар робита бо раванди таҳсилот ва истеҳсолот» (ш.Душанбе, с. 2024); - КҶИА “Масоили геологӣ: дурнамо ва рушди онӣ бахшида ба рӯзи “Геологияи тоҷик”” (ш.Данғара, с. 2024) тасвиб гардидааст.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Диссертатсия ва автореферати докторанти (PhD)-и Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) ба талаботи «Низомномаи урои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани драҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 ба расмият даровarda шудааст, мутобиқат мекунад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардидааст, дар диссертатсияи докторанти (PhD)-и Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич баъзе камбудиҳо, хатогиҳои ҳисобӣ, имлоию грамматикӣ дида мешавад, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо кард:

1. *Дар саҳифаи 35 диссертатсия тарзи ҳисоб намудани қимати коэффитсиенти тағйирёбандаи маҷрои дарёи Кофарниҳон (Cv) оварда нашудааст.*
2. *Бо кадом сабабҳо дар расми 1.4.3 (саҳ.36) хати каҷи таҳлилии таъминокии маҷрои дарёи Кофарниҳон оварда шудааст, шарҳ дода нашудааст.*
3. *Сабабҳои тағйирёбии маҷрои дарёи Кофарниҳон, бахусус нишондоди камшавии максималӣ ва зиёдшавии нишондоди минималӣ, ки асосан тамоюли мусбӣ дорад илман аосонок карда нашудааст.*
4. *Аз рӯйи кадом омилу сабабҳо таҳлили нишондиҳандаҳои омории тамоюли тағйирёбии маҷрои дарёи Кофарниҳон барои давраҳои интихобшудаи тадқиқотӣ, бе дарназардошти даврияти маҷро, самти бисёрсолаи маҷрои дарёро тавсиф намекунад?*

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста наменамояд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои даврияти гидрологии

маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) пешниҳод гардидааст, ки дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои техникӣ,
ходими пешбари шуъбаи экспедитсионӣ
ва корҳои саҳроии МДИ «Маркази
омӯзиши пиряххои Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон» Наврузшоев Ҳ.Д.

"02" 03 соли 2026

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Мушфиқи 160.
Телефон: (+992) 502040082
E-mail: hofiz.navruzshoev@gmail.com

Имзои Наврузшоев Ҳ.Д.тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳои Маркази
омӯзиши пиряххои АМИТ Ҳасанова Б.

**Суроғаи муассиса:**
Суроға: 734025, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 33
Tel.: (+992 37) 2277735
E-mail: nazrialo@mail.ru, www.cryosphere.tj

"02" 03 соли 2026